# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии** 6D.КОА-094 **назди** Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 -Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601- Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295*)

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24.02.2026 №6

Барои сазовор донистани Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D010600 -Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601- Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)

Диссертатсияи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ - эстетикии хонандагон”, аз рӯи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601- Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ба ҳимоя аз 04 ноябри соли 2025 қабул карда шуд (протоколи №2), шурои диссертатсионии 6D.КОА-094-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (734032, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 73а), бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №4 таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1980 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 1997 бо ихтисоси Мусиқӣ бо ихтисоси иловагии “Педагогика” (диплом ДТО №0279685), муаллими мусиқӣ ва суруд, методисти корҳои тарбиявии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода дохил шуда, онро соли 2002 (диплом ДТО №0279685), хатм кардааст. Пас аз хатми донишкадаи номбурда, соли 2015 барои идомаи таҳсил ба шӯъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода аз рӯи ихтисоси “Санъати мусиқӣ” дохил шуда, соли 2017 (диплом ДММ №0006657) ихтисоси мазкурро онро хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори донишкада, аз 16-сентябри соли 2017, таҳти №226, докторанти кафедраи таърих ва назарияи мусиқии МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъаи Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода" ба зинаи доктори фалсафа, доктор аз рӯи ихтисоси (PhD) - 6D010600 - таълими мусиқӣ дохил шуда, соли 2020 онро аз рӯи ихтисоси мазкур ба анҷом расонидааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳоро Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» аз 25.04.2023, №105 додааст.

Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин солҳои 2002 - 2018 дар вазифаҳои гуногун (омӯзгори кафедраи дирижёри хор, омӯзгори калони кафедраи тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ, мудири кафедраи фортепиано ва гузориши овоз, ҷонишини декани факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ, декани факултети такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг ва табъу нашр, декани факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ) фаъолият менамояд.

Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар кафедраи "Санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ"-и, муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» иҷро шудааст.

Бо қарори шурои олимони донишкада аз 29 январи соли 2018, таҳти №6, мавзуи "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии хонандагон", роҳбари илмӣ, д.и. педагогӣ, профессор Латифзода Д.Н. тасдиқ карда шудааст. Бо қарори Шурои олимони донишкада аз 01-феврали соли 2020, номи мавзӯи илмии диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин - "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон" тағйир дода шуда, роҳбари илмӣ Рамазонова Раҷабгул, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тайин карда шудааст.

Муқарризони расмӣ:

1.Юлдашева Мавжуда Рахматовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор (нафақахур);

2.Алиев Асрор Баҳридинович - номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи "Муҳити таълим асоси таҳсилоти босифат", татбиққунанда Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров".

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассисаи пешбар, ки аз тарафи муқарриз – Элмуродова С.Х., номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, 25 интишори илмӣ, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

[1-М] Солиҳов М.Ш. Ҳамкории мактаб бо оила омили асосии ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. -№1. - Душанбе, 2019.- С. 29-33.

[2-М] Солиҳов М.Ш. Ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. -Душанбе, 2020. -№2.-С. 40-43.

[3-М] Солиҳов М.Ш. Рушди тарбияи мусиқӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. –Душанбе, 2020. -№3.-С. 52-57.

[4-М] Солиҳов М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон дар илмҳои педагогӣ [Текст] М.Ш. Солиҳов // Фарҳанг ва санъат. -Душанбе, 2019. №4.-С. 39-42.

[5-М] Рамазонова Р.С., Солиҳов М.Ш. Масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии хонандагон дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонавода [Текст] Р.С. Рамазонова, М.Ш. Солиҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2074-1847) № 1.- Душанбе, 2024. - С.268-272.

[6-М] Шарофиддинзод М.Ш. Нақши назария ва методикаи таълими мусиқӣ дар тарбияи зебоипарастии хонандагон [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Паёми

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ. ISSN № 2617-5320, № 4. – Душанбе, 2025. -С.52-54.

[7-М] Шарофиддинзод М.Ш. Нақши санъати мусиқӣ дар тарбияи фарҳанги ахлоқӣ ва эстетикии кӯдакон [Текст] М.Ш. Шарофиддинзод // Musiqa Pedagogikasi Madaniyat Etnografiya №2.- Бухоро, 2025. - С. 55-61. ISSN 3060-5079

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо дар муҳлати муайяншуда ворид шуданд:

1. Хоҷаев Қурбон Тоҳирович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар автореферат эрод надорад.

2. Зафари Шариф, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ, директори муассисаи давлатии “Хонаи китоби Тоҷикистон” дар тақризи хеш чунин қайд кардааст:

- дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ мушоҳида карда мешаванд.

3. Мавлоназаров Силмон Силтонназарович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарриз қайд кардааст:

-автореферат бо забони хуби илмӣ омода гардидааст, аммо дар он боз ҳам хатогиҳои имлоиву услубӣ ба мушоҳида мерасад.

-ҳаҷми автореферат ба талаботҳои таҳияи автореферат мувофиқ мебошад, маълумот дар бораи бобҳои диссертатсия васеъ дода шудааст, аммо хуб мебуд дар бораи бобҳо мушахас менамуд.

4.Наимзода Дилором Наим, номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори МД “Осорхонаи миллӣ” - Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарриз қайд кардааст:

- автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлои ва техникӣ ба монанди якчоҷ омадани якчанд калима васеътар омадани фосилаҳо ба мушоҳида мерасанд.

-дар фишурдаи автореферат баъзан фикрҳо такрор дида мешаванд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-094 аз 17 декабри соли 2025, №3, тибқи банди 61-и

Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

**коркард карда шуд:** сохтани барномаҳои таълимӣ, таҳияи усулҳои дарсдиҳӣ, интихоби репертуар ва арзёбии натиҷаҳои ҳунариву педагогӣ ва ғ.

Методикаи нави таҷрибавӣ, ки қонуниятҳои сифатан нави падидаи таҳқиқшавандаро **ошкор менамояд**:

1. муайян сохтани хусусиятҳои эҷодии фаъолияти омӯзгори мусиқӣ;

2. ошкор кардани дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки ҳангоми кор кардан дар мактаб ба омӯзгори мусиқӣ лозиманд;

3. кушода дода тавонистан ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва навгониҳои методикаи таҳсилоти мусиқӣ дар раванди дарс, корҳои берун аз синфӣ ва бурун аз мактабӣ;

**пешниҳод шудааст:**

- муоширати инфиродӣ дар заминаи раванди таълим;
- машварати шахсӣ;
- муҷаҳҳаз гардонидани муҳити оила бо сабтҳои аудио, китобҳо барои мутолиаи оилавӣ, дастурҳо оид ба ташкили муҳити мусиқии оилавӣ, вазифаи хонагии тарбиявии хонанда ва чорабиниҳои мусиқию эҷодии оила;
- консертҳое, ки дар он ҳар як хонанда новобаста аз сатҳи иҷрои мусиқӣ ба волидайн дастовардҳои эҷодии худро дар ҳолати муваффақият нишон медиҳад.

**Исбот шудааст**, ки ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон, ҳангоми ҳамкории зичи ниҳодҳои асосии ин раванд - муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ, муассисаҳои фарҳанг ва муҳити хонаводагӣ - самаранок таъмин гардида, анъанаҳои бадеии маҳал дар асоси моделҳои нави педагогӣ ба таври ҳамаҷониба ба ҳисоб гирифта шуда, шартҳои зерин бояд риоя шаванд:

- таъмини устувории анъанаҳои бадеии маҳаллӣ;

- ҳисоб гирифтани хусусиятҳои ҳамкории мактаб ва оила ҳангоми гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо падару модар оид ба тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар оила;

- риояи ҳамкории мактаб ва оила тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таҳсил ва тарбияи кӯдакон»;

- аъзоҳои оила иштирок ва масъулияти фаъолона дар чорабиниҳои фарҳангии мактаб дошта бошанд.

- таъмини мувофиқати қарорҳои қабулшуда дар оила оид ба таҳсилоти мусиқӣ бо мактаб ва равона гардидан ба арзишҳои муҳими тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ барои рушди ҳамаҷонибаи хонанда.

**Ҷорӣ намудани** раванди таълим дар ҳалли вазифаи маълумотдиҳӣ мавқеи ҳалкунанда дорад, ҷараёни тарбия дар ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ мақоми асосӣ дорад. Ҳар ду ҷараён якҷоя вазифаи инкишофдиҳиро ба амал мебароранд. Бояд қайд кард, ки ҳар кадом хислатҳои ба худ хосро доранд. Дар мазмуни таълим - ташаккули ақидаҳо, донишҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, маҳорат ва малакаҳои махсуси илмӣ бартарӣ доранд. Дар мазмуни тарбия бошад бештар ташаккули ақидаю эътиқодҳо, рафтору интизом, муносибатҳо, аҳамияти ҷамъиятию иҷтимоӣ дида мешавад. Ҳамин тавр, ҳар ду раванд дар як вақт ба шуур, ба муносибатҳо, ирода ва эҳсос, фаъолият таъсир расонида, инкишофи умумиро таъмин менамоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**-** хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, моҳияти мафҳуми «талаботи мусиқӣ - эстетикӣ» аз худ карданд, масъалаҳои хонаводагӣ ва ҳамкорӣ ба мактаб алоқаманд карда шуд;

- худшиносии фарҳангии худ ифодаи эҷодӣ, дарки эҳсосотӣ ташвиқ намуда, принсипҳои ташаккули хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ дар ягонагии тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба роҳ монда шуд;

-дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ, дар хонандагон ҳиссиёти мусбат ба вуҷуд оварда шуд;

**Баён шудани** тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба ташаккули завқи мусиқидустӣ, ҳисси зебоӣ, ахлоқ ва маънавиёт мусоидат мекунад. Омӯзонидани шунидани мусиқӣ, дарк ва эҳсоси он дар мактаб ва оила ба инкишофи қобилияти эҷодӣ ва ҳисси зебоиофарии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Муҳим аст, ки дар ин раванд омилҳои биологӣ, равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамҷоя ба назар гирифта шаванд. Таълими мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо оила қисми ҷудонопазири системаи

тарбияи эстетикӣ мебошад. Мактаб ва оила бояд муҳити мусоиди фарҳангӣ эҷод намоянд, то кӯдак дар фазои мусиқӣ ва санъат рушд ёбад. Дар ҳақиқат, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва тақвияти руҳияи миллӣ нақши бузург мебозад.

**Ошкор гардид,** ки дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ҳанӯз ҳам сифати омӯзиши фанни мусиқӣ ва истифодаи имкониятҳои тарбиявии он кофӣ нест. Стандартҳои нави таҳсилот ба худомӯзӣ ва фаъолиятҳои эҷодӣ такон медиҳанд, вале дар адабиёти педагогӣ-методӣ мафҳуми “сифатҳои мусиқӣ - эстетикӣ” ҳанӯз пурра муайян нашудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

- натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ - методии таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон ва наврасон ва хонавода дар корҳои тарбиявӣ – мусиқӣ - эстетикӣ пешниҳод гардид;

- натиҷаи ташаккулдиҳии дарсҳои мусиқӣ - эстетикии хонандагон ва кормандони соҳаи маориф пешниҳод шуд;

- маводи рисолаи илмӣ барои шуъбаи маориф ва фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ барои кӯмак расонидан пешниҳод шуд;

-барои кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг маводҳо коркард карда шуда, онҳо ҳуқуқи дар дарсҳои мусиқӣ истифода бурдан мусоидат менамоянд.

**Муайян карда шуданд**, ки дар ин самт - равшан сохтани аҳамияти таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикии шахсият, муайян кардани вазифаҳо, самтҳо ва нақши онҳо дар илми муосири педагогикаи мусиқӣ мебошад.

Таҳқиқоти ташхисӣ дар системаи таҷрибавӣ имкон дод, ки нишондиҳандаҳои зерини инкишофи идроки мусиқӣ-эстетикии хонандагон муайян карда шаванд:

- эҳсосоти ба тасвирҳои мусиқӣ-эстетикӣ дар фарҳанг;

- қобилияти баҳодиҳии арзишӣ дар асоси фаҳмиши воситаҳои ифодаи бадеӣ;

**Муаррифӣ карда шуд,** ки пешниҳодҳои илмӣ-методие, ки дар рисолаи илмӣ ҷой дода шудаанд, аз ҷониби кормандони соҳаи маориф дар ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки:

- дурустии усулҳои таҳқиқот, ки ба объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд;

- илман кор карда баровардани хулосаҳои назариявӣ;

- асосноккунии дурустии мантиқии аппарати илмӣ ва риояи одоби тахқиқоти илмӣ;

- таҳлили миқдори зарурии корҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ;

- муқоисаи натиҷаҳои ба даст овардашуда дар соҳаи педагогикаи мусиқӣ;

- ташкили кори таҷрибавӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбат;

- такрор кардани натиҷаҳои таҳқиқот дар системаи таҳсилоти умумӣ дар давоми таҷриба аз соли 2020 то 2024;

- иштироки шахсии муаллиф дар озмоиши педагогӣ, инчунин, дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Душанбе, ҷорӣ намудани натиҷаҳои ба даст овардашуда.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** иборат аз: натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ санҷида шуда, дар конфронсҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намуд. Мувофиқ ба мавзӯи илмӣ дар семинарҳои илмӣ – амалӣ ширкат варзида натиҷаи таҳқиқотро баррасӣ намуд. Дар нашрияҳои маводи илмӣ -таҳқиқотӣ, аз ҷумла 25 мақола, ки дар нашрияҳое, Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 мақола, интишор гардидааст.

Дар маҷлиси 24 феврали соли 2026 шурои диссертатсионии 6D.КОА-094 қарори сазовор донистани Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла, 3 нафар докторони илм, ки аз рӯйи ихтисоси

диссертатсияи баррасишаванда мебошанд, ки чунин натиҷагирӣ шуд. Овоз доданд: тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

| | |
|---|---|
| **Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор** | **Улмасов Фируз Абдушукурович** |
| **Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои санъатшиносӣ** | **Раҳимзода Кароматулло Самандар** |

24-уми феврали соли 2026